Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза вобаста ба ғанигардониии буҷети давлатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ, ҳамзамон додани имконият ба бахши воқеии иқтисодиёт нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ мавқеи калдӣ ва асосӣ дорад. Вобаста ба ин иброз доштан зарур аст, ки аз ин лиҳоз интихоби мавзӯи мазкур аз нуқтаи назари фарогирӣ ва масоили мубрами иқтисодӣ зарур буда, баргузории таҳқиқот мувофиқи мақсад мебошад.

Муаллиф дар автореферат зарурияти масъаларо дуруст иброз намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба шумор меравад, манбаи боэътимоди ғанигардонии буҷети давлатӣ андозҳои ғайримустақим, бахусус андоз аз арзиши иловашуда вобаста мебошад, ки дар ин масъала як қатор нишондиҳандаҳо маввриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд (С.15-17). Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки давраи солҳои 1995-2023, андозҳои ғайримустақим дар даромадҳои андозии буҷети кишвар беш аз 54-52,1 фоизро ташкил дода, низоми андози миллиро ҳамчун низоми андози ғайримустақим донистан мумкин аст. Дар ҳамин масъала унвонҷӯ дуруст иброз намудааст, ки андозбандии ғайримустақим бештар ба манфиатҳои фискалии давлат мувофиқат мекунад, зеро он аз сабаби васеъ ва гуногунҷанба будани объектҳои андозбандишаванда самаранокии бештари фискалӣ дорад ва устувории даромадҳои андозии буҷети давлатиро таъмин менамояд (С.22).

Иловатан иброз доштан зарур аст, ки дар самти таҳқиқи андозбандии ғайримустақим, ки он бо иқтисоди миллӣ ва сатҳи рушди он вобастагии зиёд дорад унвонҷӯ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Зеро

дар таҳқиқ ва баррасии ду масъалаи муҳим: хусусиятҳои андозбандии ғайримустақим ва нақши он дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ, арзёбии таъсири андозҳои ғайримустақим ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон бо ҳамаи ин муваффақиятҳое, ки аз тарафи уновнҷӯ дар рафти таҳққиқот ба даст оварда шудааст, моҳиятан автореферати диссертатсия хуб мебуд, агар муаллиф масъалаҳои зеринро возеҳтар баён менамуд:

1. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф дар баробари таъсири ҷанбаҳои мусбии андозбандии ғайримустақим таъсири манфӣ ва паёмадҳои иқтисодии онро дар сатҳи иҷтимоиёт мушаххасан нишон медод;
2. Таҳқиқот мушаххастар мегардид агар муаллиф меъёри мақбули андозбандии ғайримустақимро вобаста ба вазъи имрӯзаи иқтисодӣ, барои давраҳои минбаъда ҷиҳати баҳрабардорӣ аз он пешниҳод менамуд.

Автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардида, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Солиев Нодирҷон Амрохонович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, ҷонишини директори
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии имлҳои Тоҷикистон Мирсаидов А.Б.

Имзои Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ менамоям.

Инспектори калони шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии имлҳои Тоҷикистон н.и.и. Аюбӣ Ф.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 734024,
кӯчаи С. Айни 44, тел: +992 (37) 221-67-50